# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод шудааст**

Дар замони вусъатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархӯрди манфиатҳои миллию байналмилалӣ, задухӯрди мусаллаҳонаи байни қавму мазҳабҳои гуногун, тарғиби ақидаҳои экстремистӣ ва хусусияти ҷаҳонӣ касб намудани нақшаҳои тарҳрезишудаи гурӯҳҳои террористӣ, аҳаммияти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили ҳар як давлат бараъло меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳдиди хадарҳои болозикр истисно нест. Аз ин лиҳоз, кашфи механизм, шакл ва усулҳои самараноки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ки дар як вақт ба таъмини амнияти давлат мусоидат менамоянд, мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ шуда, мавзуи баррасигардидаи автореферати тақризшавандаро ташкил менамояд.

Дар ҳақиқат таъмини ҳамаҷонибаи тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ташаккул ва татбиқи доираи васеи тадбирҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамоҳангшудаи маъмурию ҳуқуқӣ, аз ҷумла, такмили ҳамкории мутақобила бо омма ва хусусан, иттиҳодияҳои ҷамъиятиро талаб мекунад.

Бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расонида шудааст, ки муносибатҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, бахусус, ташкили фаъолияти ҳамкории байниякдигарии субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Стратегия ва барномаи ислоҳоти милитсия ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеаро дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки ислоҳоти милитсия муайян намудаанд. Бо ин мақсад, чораандешиҳои маҷмуи, аз қабили ташкилӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ дар воқеан амалӣ гардонидани талаботи барномавии давлатӣ нақши амиқ доранд. Махсусан, бояд иброз дошт, ки дар натиҷаи ба роҳ мондани таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснокии илмии роҳҳои беҳтарини истифодаи таҷриба дар самти таҳқиқшаванда ба даст оварда мешавад.

Дар иртибот ба ин, Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин масоили ҷойдошта ва ҳалталаби ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятиро бо

дарназардошти асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ баррасӣ ва ҷамъбаст намуда, нукта, хулоса, тавсия ва дигар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро пешниҳод кардааст, ки онҳо метавонанд дар такмили қонунгузории соҳавӣ ва фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода карда шаванд.

Аз мазмуни автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» бармеояд, ки пажуҳиши ӯ дорои аҳаммияти муҳими илмӣ буда, дар он қонунгузории соҳавии миллӣ, хориҷӣ, барнома ва стратегияҳои давлатӣ, таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ, андешаҳои муқтадири олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба таври комил мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таклифу хулосаҳои манфиатпазир дар самти ташкили фаъолияти ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мукаммалсозии қонунгузории соҳавӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» манзур шудаанд, ки он аз мустақилияти илмӣ ва эҷодии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Мубраммии таҳқиқоти муаллиф дар нуктаҳои зайл арзёбӣ мегардад:

1. Мавзӯи интихобнамудаи муаллиф, баҳри ҳалли муаммоҳои марбут ба ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намуда, заминаҳои илмӣ ва назариявии боэътимодро ҷиҳати ташкили ҳамкории соҳавии байни ин ниҳодҳо мегузорад. Бешак, хулоса ва нуктаҳои илмие, ки аз ҷониби муаллиф коркард карда шудаанд, дар рушди илм оид ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат карда, барои пажуҳишҳои минбаъдаи олимони ватанӣ заминагузор мебошанд.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда дар заминаи мавзуи илмии кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД ҶТ «Идоракунии муосири фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи ҳуқуқ» барои солҳои 2021-2025» ва мавзуи илмии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД ҶТ «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти корҳои дохилӣ дар партави ислоҳоти милитсия: проблема ва дурнамои он» барои солҳои 2021-2025» таҳия гардидааст.

3. Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомадаро метавон, дар мукаммал намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва дигар қонунгузории соҳавӣ бо таври васеъ истифода бурд.

4. Лоиҳаҳои муаллифии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ» ва Низомнома дар бораи тартиби суғуртаи шахсии хатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашуда) метавонанд, ки ба таври расмӣ қабул гардида, танзими муносибатҳои соҳавиро ба роҳ монанд.

5. Андешаҳо ва пешниҳодҳои хусусияти консептуалидоштаи муаллифро бинобар ба анҷом расидани муҳлати Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, метавон барои такмили барномаи нав дар самти ислоҳоти милитсия ба таври комил истифода бурд.

Сохтори тадқиқот системавӣ ва мантиқӣ буда, пурра бо ҳадаф ва вазифаҳои зикршуда мувофиқат мекунад. Хулоса ҳамаи унсурҳои заруриро дар бар мегирад, бо ифодаи возеҳи мақсади тадқиқот, мушаххас кардани вазифаҳо ва асосноккунии далелҳои пешниҳодшуда барои дифоъ тавсиф мешавад, ки фаҳмиши куллӣ ва пайвастаи мавзуи таҳқиқотро таъмин мекунад.

Дар баробари натиҷаҳои илмии боэътимоди бадастомада дар таҳқиқот масъалаҳои баҳснок низ ҷой доранд, чунончӣ: муаллиф дар зербоби дуюми боби якум зикр кардааст, ки дар давраи аввали солҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии собиқ Иттиҳоди Давлатҳои Шуравӣ дар танзими муносибатҳо оид ба ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Яъне, то кадом андоза воқеияти татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии сохтори давлатдории қаблӣ дар низоми нави давлатдорӣ, метавонад, ки эҳтимолан шубҳаро ба вуҷуд орад. Аз ин лиҳоз, муаллифро мебояд, ки андешаи иловагии худро ҷиҳати масъалаи мазкур иброз намояд.

Албатта, эроди манзуршуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта, мазмуну муҳтавои пажуҳиши илмиро коста намегардонад.

Автореферати рисолаи диссертатсионии Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» умуман ба талаботи авторефератҳои рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ буда, бо аҳаммияти бешубҳаи илмии худ фарқ мекунад.

Мундариҷаи автореферат ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки таҳқиқоти рисола дар мавзуи зикршуда дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст, мустақил ва пурра буда, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корҳое, ки ҷиҳати гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудаанд, ҷавобгӯ аст.

Рисола бо дарки амиқи назариявии масъалаҳои баррасишуда ва самти амалии возеҳи хулосаҳояш фарқ мекунад, ки аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии онро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, бо пуррагӣ мувофиқат мекунад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

**Муқарриз:**
Сардори шуъбачаи тайёрии кадрҳо ва муассисаҳои таълимии Шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия Хайруллозода А.Л.

«19» 02 2026

Имзои “Хайруллозода А.Л”-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, полковники милитсия Хонзода М.П.

«19» 02 2026

Суроғаи муқарриз: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айни-1. Телефон: 221-00-57, 221-15-54. Факс: (8372) 21-15-42 ва 222-24-39.